*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш . Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, www.tnu.tj, E-mail: safarbek-8888@mail.ru).*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дар мавзӯи “Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафии PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия.**

Низоми бонкии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақсадҳои умумии қабулгардида ва вазифаҳои сиёсати иқтисодии давлат, ки таъминсозии рушди солонаи маҷмӯи маҳсулоти миллиро пешбинӣ менамояд, рушд карда истодааст. Дар рушди иқтисоди миллӣ муносибатҳои қарзӣ ба таври васеъ истифода карда мешаванд. Низоми қарзию бонкӣ яке аз сохторҳои муҳим ва ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад. Бонкҳо функсияҳо ва амалиётҳои гуногунро иҷро намуда, ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намуда, ҳисоббаробаркуниҳои пулиро амалӣ сохта, қарздиҳии соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолиро анҷом дода, ҳамчун миёнарав дар азнавтақсимнамоии сармояҳо баромад намуда, ба баландбардории самаранокии истеҳсолот мусоидат менамоянд.

Дар алоқамандӣ ба рушди муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурӣ, зарурияти баландбардории рақобатпазирии низоми бонкӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти мамлакат, муаммои арзёбии устувории молиявии бонкҳо аҳамияти хеле муҳимро касб намуда истодааст.

Муаллиф дар таҳқиқотҳои худ чунин меҳисобад, ки истифодабарии нишондиҳандаҳои зиёде, ки хусусияти гуногунро доранд, дорои моҳиятҳои муқоисанашаванда мебошанд, аз ҳамин сабаб ҷамънамоии оддии онҳо дар формули ҷамъбастии рейтингӣ ғайри қобили қабул ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дар автореферат бештар ҷанбаҳои назариявию методологии устувории молиявии низоми бонкиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз ҳамин лиҳоз, муаллиф дар автореферат устувории молиявиро ҳамчун кифоягии сармояи бонк меҳисобад, ки боэътимодона ва устувор сипарӣ намудани даврахои бухрониро нишон дода, суботро нигоҳ дошта, пардохтпазирии бонкро таъмин месозад, ки мо ба фикри унвонҷӯй Мирзоев С.С. мувофиқ мебошем.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо ин:

1. Муаллиф дар саҳифаи 12-уми автореферат оиди вазъи сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, лекин қисми фаъолияти самаранокии бонкҳо оварда нашудааст;
2. Дар саҳифаи 15, расми 3 муаллиф оиди динамикаи тағйирёбии ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддатро баҳогузорӣ намудааст, вале муаллииф сатҳи самаранок истифодабарии захираҳои қарзиро нишон надодааст.

Камбудӣ ва норасоиҳои номбаргардида қимати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хислати пешниҳодӣ (ё маслиҳатӣ) доранд.

Хулоса, автореферати рисолаи диссертатсионии Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дар мавзӯи "Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафии PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини директор оид ба робитаҳои байналҳалқии**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Аминов И.**

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Суғд, шаҳри Хуҷанд , хиёбони И. Сомонӣ 169, Телефон: +992(3422) 60121,
E-mail: info@iet.tj

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ,професссор Аминов И.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Бобоев Б.